ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи конунгузории ҷумҳурии тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ ва густариши муносибатҳои молу мулкӣ аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалӣ касб намудааст. Шартномаи хариду фурӯш ҳамчун яке аз институтҳои асосии ҳуқуқи маданӣ дар муомилоти шаҳрвандӣ накши муҳим дошта, масъалаи сифати мол дар доираи он ба ҳифзи ҳуқуку манфиатҳои харидор, таъмини устувории муносибатҳои шартномавӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ таъсири мустақим мерасонад. Дар шароити муосир сифати мол танҳо хусусияти техникӣ надошта, балки яке аз воситаҳои муҳими таъмини адолати шартномавӣ, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва кафолати иҷрои дахлдори уҳдадориҳои шартномавӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити афзоиши гардиши мол, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва густариши муносибатҳои тиҷоратӣ масъалаҳои вобаста ба мутобиқати сифати мол ба талаботи шартнома, стандартҳо, қоидаҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ аҳамияти бештар пайдо намудаанд. Дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳолатҳои зиёди баҳсҳо вобаста ба пешниҳоди моли бесифат, муайян намудани камбудиҳои мол, мӯҳлати кафолат, иваз намудани мол, кам намудани нарх ва ҷуброни зарар ба назар мерасанд. Маҳз ҳамин омилҳо зарурати таҳқиқи амиқи илмии масъалаҳои ҳуқуқии танзими шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯшро ба вуҷуд меоранд.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи сифати мол на танҳо хусусияти назариявӣ, балки аҳамияти муҳими амалӣ низ дорад. Аз танзими дурусти ҳуқукии он ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ, таъмини рақобати солим, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд гардидани эътимоди

истеъмолкунандагон ба бозори молу хизматрасонӣ вобаста мебошад. Дар ин замина таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба сифати мол, кафолати сифат, ҷавобгарии фурӯшанда барои пешниҳоди моли бесифат ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи харидор аҳамияти махсус пайдо менамояд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф кӯшиш намудааст масъалаҳои асосии назариявӣ ва амалии мавзуъро бо риояи мантиқи илмӣ таҳлил намояд. Дар таҳқиқот мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии сифати мол, ҷой ва нақши он дар ӯҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш, тартиби муайян намудани сифати мол, асосҳои ҷавобгарии фурӯшанда барои пешниҳоди моли бесифат ва масъалаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқи харидор мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, масъалаҳои вобаста ба муҳлати кафолат, камбудиҳои ошкор ва пинҳонии мол, тартиби пешниҳоди даъво ва оқибатҳои ҳуқуқии вайрон намудани талабот оид ба сифати мол баррасӣ шудаанд.

Сохтори автореферати тақризшаванда аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, бобҳо ва зербобҳои мантиқан алоқаманд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, муҳтавои он бо риояи пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардидааст. Автореферат бо дарназардошти талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ таҳия гардида, дар он мақсад, вазифаҳо, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дуруст инъикос ёфтаанд.

Қобили зикр аст, ки муаллиф тавонистааст масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии марбут ба сифати молро мавриди таҳлили илмӣ қарор диҳад. Дар автореферат масъалаҳои вобаста ба мутобиқати мол ба шартҳои шартнома, стандартҳои давлатӣ ва талаботи техникӣ, инчунин ҳуқуқҳои харидор ҳангоми пешниҳоди моли бесифат таҳлил гардидаанд. Пешниҳодҳо ва хулосаҳои илмии муаллиф метавонанд барои такмили қонунгузории маданӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат намоянд.

Ҳамзамон, сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, интишороти илмии довталаб ва иштироки фаъоли ӯ дар

конференсияҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи масъалаи мазкур тасдиқ менамоянд. Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф кӯшиш намудааст масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба сифати молро дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври низомнок таҳлил намояд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дорои аҳамияти муайяни назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории маданӣ, фаъолияти мақомоти судӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, инчунин дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд. Пешниҳодҳои илмии муаллиф вобаста ба такмили механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи харидор ва татбиқи меъёрҳои марбут ба сифати мол метавонанд барои рушди минбаъдаи муносибатҳои шартномавӣ низ аҳамияти муҳим дошта бошанд.

Дар баробари дастовардҳои илмии таҳқиқот баъзе масъалаҳои баҳснок низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, мувофиқи мақсад мебуд, ки муаллиф масъалаҳои вобаста ба фарқгузории мафҳумҳои «камбудии мол», «моли бесифат» ва «номувофиқати мол ба шартҳои шартнома»-ро муфассалтар ва амиқтар таҳлил менамуд, зеро дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ маҳз ҳамин масъалаҳо бештар боиси баҳсҳои ҳуқуқӣ мегарданд. Ҳамчунин, тақвияти таҳлили муқоисавии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ метавонад арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқотро боз ҳам баландтар намояд. Илова бар ин, дар баъзе қисматҳои автореферат тавзеҳоти нисбатан васеъ ва такрори баъзе андешаҳо ба назар мерасанд, ки ихтисор ва таҳрири услубии онҳо метавонад мазмун ва сифати илмии матнро боз ҳам мукаммалтар гардонад.

Бо вуҷуди ин, эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба аҳамияти илмӣ ва муҳтавои асосии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи муқаррарнамудаи

Тартиби додани дарачаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти анҷомёфта мустақилона иҷро гардида, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Муаллиф масъалаҳои асосии мавзуъро дар сатҳи зарурии илмӣ таҳлил намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда**:
мудири шуъбаи кадрҳо, ташкилӣ ва коргузории
Иттифоқи касабаи кормандони маориф
ва илми вилояти Хатлон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Носирзода А.С.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
в.Хатлон, ш.Бохтар,
кучаи Д.Халқҳо 62/а
**Тел.:** (+992) 904-58-88-48
**E-mail:** Alisher.nosirov@mail.ru

Имзои Носирзода А.С.-ро тасдиқ мекунам:
Раиси Шӯрои иттифоқҳои касабаи
вилояти Хатлон Ризозода А.Ш.

«05» 06 2026 с.

**Суроғаи муассиса:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
в.Хатлон, ш.Бохтар,
хиёбони Вахдат – 29 «а»
**Тел.:** (+992) 832-22-2-40-86
**E-mail:** rizoev-a@mail.ru